# ТАҚРИЗ

ба автореферати Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба роҳ мондани парвариши чорвои гӯштӣ дар солҳои 50 –уми асри гузашта аз тарафи олимони соҳаи чорводорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин давраҳо ба ҷумҳурӣ барои тақвият бахшидан ба соҳаи чорводорӣ ва алалхусус чорвои гӯштӣ ва таъмини аҳолӣ ба гӯшти хушсифати аз ҷиҳати экологӣ бартаридошта 13 намуди зотҳои махсусгардонидашудаи самти гӯштӣ ба кишвар оварда шуданд.

Аз зотҳои чорвои гӯштии овардашуда (қазоқии сарсафед, қалмиқӣ, абердин-ангусӣ) ҳангоми мутобиқшавӣ ва парвариш дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ бо зудрасӣ, тобоварӣ бо маҳсулнокии баланди гӯштӣ, сарфаи ками хӯрок, зуд фарбеҳ шудан ва нигоҳубин, бо истифодаи самараноки чарогоҳҳои табиии кӯҳӣ ба натиҷаҳои хуб ноил гардидаанд.

Дар байни зотҳои гӯштии махсусгардонидашуда барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати чорвои маҳалӣ дурагакунии байни зотҳои гӯштӣ ва чорвоҳои маҳалӣ тадқиқотҳо гузаронида шуданд.

Аз тарафи муаллиф бо гузаронидани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ муқаррар карда шудааст, ки дар натиҷаи дурага намудани зоти қазоқии сарсафед бо чорвои популятсияи маҳалӣ дар муқоиса ба буққачаҳои ба воситаи буққаҳои беҳтаркардашуда гирифташуда афзалияти дурагаҳо барои нигоҳ доштани навъҳои олии гӯшт ҳангоми забҳи буққаҳо алакай дар синни 18 моҳагӣ ба назар мерасид. Аз чорвои хуни сарсафеди қазоқӣ дошта 15,2 кг, нисбат ба ҳамсолони маҳаллӣ 8,2%, ва дар синни 24 моҳагӣ 10,3 кг 4,3% зиёдтар аст. Ва аз рӯи навъҳои 2 ва 3 дар муқоиса бо буққачаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ мутаносибан аз рӯи фоиз пасттаранд. Ин нишон медиҳад, ки буққачаҳои дурага дар синни 1,5 солагӣ 60,2% ва дар синни 24 моҳагӣ 62,5% гӯшти олӣ доранд, дар муқоиса бо 52,0% ва 58,2% нисбат ба чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллро дар бар гирифтааст.

Истифодаи чорвои дурага барои истеҳсоли гӯшт ба хоҷагӣ фоидаи баландтар дод. Даромади ҳар як буққаи дурага бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар синни 18 моҳагӣ дар муқоиса бо буққаи беҳтаркардашудаи маҳаллӣ

24,7% зиёдтар буд. Дар синни 24 моҳагӣ фарқият мутаносибан ба 38,5% расидааст.

Хулоса: Автореферати диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзӯи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Директори Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзӣ, д.и.и., академики АИКТ Пиризода Ҷалил Сафар

Имзоҳои Пиризода Ҷ. С.– ро тасдиқ менамоям.

Сармутахассис оид ба кадрҳои Институт Баротова Ш. У.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734049, ш. Душанбе, кучаи Ҳаёти-нав, 306.
Тел/Факс.: тел.: (992) 236-37-67; (992) 907-72-16-80. E-mail: jalil-22@mail.ru

13. 06.2026 г.